# Эй ҷавон! Ба ту чанд панд меомӯзонам, (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Худо туро нигоҳ дорад, (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, ӯ Таъолоро пеши рӯи худ биёбӣ. Агар чизе мехоҳӣ, аз Худо бихоҳ ва агар ёрӣ мехоҳӣ аз Худо ёрӣ бихоҳ

Аз ибни Аббос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе пушти сари Паёмбар (Салому друди Аллоҳ бар ӯ бод) (бар маркаб нишаста) будам, ки фармуданд: "Эй ҷавон! Ба ту чанд панд меомӯзонам, (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Худо туро нигоҳ дорад, (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, ӯ Таъолоро пеши рӯи худ биёбӣ. Агар чизе мехоҳӣ, аз Худо бихоҳ ва агар ёрӣ мехоҳӣ аз Худо ёрӣ бихоҳ. Бидон агар тамоми мардумон ҷамъ оянд, то туро ёрӣ расонанд, ёрӣ расонида наметавонанд, магар онҷи Худо бар ту навиштааст, ва агар тамоми мардумон ҷамъ оянд то бар ту зарар расонанд, зараре расонида наметавонанд магар ончи, ки Худо бар ту навиштааст, қаламҳо бардошта шудаанд ва саҳифаҳо хушк шудаанд".

[صحيح] [رواه الترمذي]

Ибни Аббос (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки хурдсолӣ дар маркабе пушти Паёмбар (Салому друди Аллоҳ бар ӯ бод) савор буд, Паёмбар (Салому друди Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфт: ман ба ту чанд чизе таълим медиҳам, ки Худованд бо онҳо туро манфиат медиҳад: Худовандро бо риояи фармудаҳо ва дурӣ аз навоҳияш бо худ бидонед, ба гунае, ки Ӯ Таъоло туро дар тоату ибодат ба Худ бинад, на дар гуноҳон ва нофармонӣ. Агар ингуна амал кунед, Ӯ Таъоло шуморо аз балоҳои дунё ва охират дар паноҳаш нигоҳ медорад ва ҳарҷо ки бошед Худо ба шумо нусрат медиҳад. Агар чизе мехоҳӣ фақат аз Худо бихоҳ, зеро танҳо Ӯ Таъолост, ки ба суолкунандагон посух мегӯяд. Агар ёрӣ мехоҳӣ фақат аз Худо бихоҳ. Ба яқин бидон, ки агар аҳли замин ҳама ҷамъ оянд, то барои ту манфиат бахшанд, суде ба ту нахоҳад расид, магар ончи Худованд навишта аст, ва агар аҳли замин ҳама ҷамъ оянд, то ба ту зиёне расонанд, зиёне ба ту нахоҳад расид, магар ончи Худованд муқаддар сохта аст. Худованд ин корро навиштааст ва бар асоси илм ва ҳикмати Ӯ Таъоло муқаддар сохта шудааст, ва онҷи Худованд навишта аст тағйире надорад.

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee